Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

аз 2 декабри соли 2008 № 600 ш. Душанбе

## Дар бораи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ

Мутобиқи моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Тасдиқ карда шаванд:

Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ;

Номгӯи хизматрасониҳои тиббию санитарии ройгон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ.

2. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи тадриҷии Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, дар марҳилаи аввал дар бахшҳои ёрирасон, барқарорсозӣ ва хизматрасонии тиббии гаронарзиш таъмин намояд.

3. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Номгӯи гурӯҳҳои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки мутобиқи мақоми иҷтимоӣ ва нишондодҳои тиббӣ ба хизматрасонии тиббии ройгон ҳуқуқ доранд, таҳия ва тасдиқ намояд.

4. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоидаҳои ҳампардохти хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ ва Дастурамал дар бораи маблағҳои махсуси муассисаҳои системаи давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва тасдиқ намояд.

5. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нархномаҳои намуд ва ҳаҷми хизматрасонии

тиббию санитариро ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ таҳия ва тасдиқ намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон